Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-19 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кучаи Буни Ҳисорак)

**ТАҚРИЗИ**

**автореферати диссертатсияи Абдуллоева Мадина Камоловна “Дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Абдуллоева Мадина Камоловна “Дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят” мубрам мебошад. Зеро, дар раванди рушди низоми ҳуқуқии Тоҷикистони муосир, ки он аз рӯзҳои эълон шудани истиқлолияти давлатӣ оғоз ёфтааст, доир ба такмил додани кафолати ҳуқуқу озодиҳои шахс дар пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятӣ силсилаи чораҳои муҳими расмии ҳуқуқӣ андешида шуданд. Дар қатори рушду тағйиротҳо, аз ҷумла масъалаи мушаххас намудани мақоми ҳуқуқии иштирокчиёни фаъолияти мурофиаи ҷиноятӣ ба мадди аввал гузошта шуд ва масъалаи муайян кардани мақоми ҳуқуқии ашхоси барои содир кардани ҷиноят гумонбаршуда низ ҷои муҳимро ишғол кард. Чӣ тавре, ки амалия нишон медиҳад, маҳз дар марҳилаи ба вуҷуд омадани гумонбарӣ вайронкунии ҳуқуқи инсон бештар ба назар мерасад. Чунки меъёрҳои мурофиавӣ-ҷиноятӣ оид ба масъалаҳои зерин ниёз ба такмил доранд.

Қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо шартҳои муайян, балки асосҳо, тартиб ва ҳудуди маҳдудиятҳои озодиҳои шаҳрвандро пешбинӣ мекунад, ки ҳангоми татбиқ кардани онҳо метавонанд кафолатҳои конститутсионии шахс ва ҳуқуқҳои он муваққатан маҳдуд карда шаванд. Барои ин мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, бо мақсади мубориза бо ҷинояткорӣ, таъмини тартиботи

ҷамъиятӣ, нигоҳдошти суботи ҷамъиятӣ, пешгирӣ ва саривақт ошкор кардани ҷиноятҳо, бартараф кардани сабабу омилҳое, ки ба содир кардани он мусоидат кардаанд, бояд доимо функсияҳои худро такмил диҳанд, то ки ҳар як мавриди беасос ва ғайриқонунӣ вайрон кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд истисно шавад. Барои таъмини тартиби ягонаи мурофиаи судии ҷиноятӣ, яъне ба амал баровардани адолати судӣ, қонунгузор мақомоти амаликунандаи мурофиаи судии ҷиноятиро дар доираи салоҳияти худ ҳуқуқи татбиқ кардани чораҳои маҷбуркунии мурофиавиро нисбати гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда додааст. Татбиқи ғайриқонунии ин салоҳиятҳо дар навбати худ ба маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳо оварда мерасонад. Дар амалия ин салоҳиятҳо бештар дар татбиқ кардани чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ ифода меёбанд. Яке аз онҳо дастгир кардани гумонбаршудагон дар содир кардани ҷиноят мебошад. Он бо вуҷуди сабабҳои гуногун ва проблемаҳои ҳуқуқӣ, бо як қатор мушкилиҳо алоқаманд аст, ки иҷрои чораи номбурда асоснокии дақиқро талаб мекунад.

Мақсади диссертатсия аз коркарди пешниҳодҳо оид ба бартараф кардани норасоӣ дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва амалияи татбиқи институти дастгир кардани гумонбаршуда дар содир кардани ҷиноят, инчунин баланд бардоштани сатҳу сифат ва самаранокии татбиқи ин чораҳо дар тафтишоти пешакӣ, иборат мебошад.

Диссертатсия аз лиҳози мазмун ягонагии дохилӣ дошта, усулҳое, ки дар ҷараёни таҳқиқоти илмӣ истифода шудаанд, метавонанд сифати мусбии диссертатсияро таъмин намоянд. Таҳлили автореферати диссертатсия, ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, мушкилоти қонунгузорӣ, ки аз тарафи муаллиф пешкаш гардидаанд, инчунин таҳлили ақидаҳои дар илм ҷойдошта, муайян намудани мавқеи мустақили хеш, асоснокунии нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз

доираи кофии маводҳои илмӣ ва таҷрибаи амалӣ аз он дарак медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона, дар тули солҳо навишта шудааст.

Нуктаҳои ҳимоявӣ дар пояи омузиши қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, ки ба дастгир намудани шахс бахшида шудааст, омузиш ва таҳлили мушкилоту муаммоҳои амалӣ эҷоду таҳия карда шуда, ҳар яки онҳо баҳри ҳал намудани ин мушкилот равона кардашудааст. Мисол:

1. Дастгир кардани гумонбаршуда, интиқол додани ӯ ба мақомоти тафтишоти пешакӣ, барасмиятдарории протокол қисми таркибии дастгир кардани мурофиавии ҷиноятӣ мебошад. Аз лаҳзаи барасмият даровардани қарор дар бораи гумонбаршуда донистани шахс дар содир кардани ҷиноят ё аз лаҳзаи дастгир кардани воқеӣ, шахс дастгиршуда ба ҳисоб рафта, то қабули қарор дар бораи ба ҷавобгари ҷиноятӣ ба сифати айбдоршаванда кашидан ё то озод кардан дар чунин мавқеъ боқӣ мемонад.

2. Муаллиф пешниҳод мекунад, ки мазмуни мафҳуми гумонбаршуда бояд унсурҳои таркибии зеринро дар бар гирад:

– ба вуҷуд омадани гумонбарӣ;

– муайян кардани асосҳои дар м. 92 КМҶ ҶТ пешбинишуда;

– қабули қарор дар бораи гумонбаршуда эътироф кардани шахс, агар парвандаи ҷиноятӣ бинобар ошкор шудани ҳодисаи ҷиноят оғоз шуда бошад;

– пурсиши гумонбаршудаи воқеӣ;

– ба итмом расидани гумонбарӣ (ин эътироф кардани шахс ба сифати айбдоршаванда ё ин ки озод кардани шахс аз гумонбарӣ).

Натиҷаиҳои бадастовардаи муаллиф аз ҷиҳати назариявӣ ба рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят мусоидат намуда, сабаби такмили яке аз бахшҳои муҳими илми ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ – чораҳои маҷбуркунӣ мегарданд. Хулоса, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои такмили

қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти дахлдори давлатӣ ва рушди соҳа заминаи хубе ба ҳисоб меравaнд. Ҳамзамон онҳо метавонанд, ҳангоми таҳия ва татбиқи барнома, стратегия ва консепсияҳои давлатӣ истифода шаванд. Маводи диссертатсия ҳангоми тадриси фанни таълимии ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ, ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, навиштани рисолаҳои дипломӣ, магистрӣ, ва диссертатсияҳо метавонад ба таври фарох мавриди корбарӣ қарор гирад.

Дар баробари ин, дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ба назар мерасанд, ки онҳоро қайд намудан лозим аст ва ба Абдуллоева Мадина Камоловна дар шакли тавсияҳо барои таҳқиқотҳои ояндаи ӯ пешниҳод менамоем.

Дар саҳифаи 20 автореферат муаллиф қайд мекунад, ки "дар натиҷаи таҳлили илмӣ муаллиф ба хулоса омада қайд мекунад, ки дар м.124 КМҶ ҶТ меъёр оид ба тартиби баррасии судии шикояти ғумонбаршуда пешбинӣ нашудааст. Бинобар ин, пешниҳод карда мешавад, ки дар м.124 КМҶ муқаррароти зерин илова карда шавад: «Агар шикояти гумонбаршуда аз ҷониби прокурор қонеъ нашуда бошад ва ё дар мӯҳлати муайянкардаи Кодекси мазкур ҳал нашуда бошад, ӯ ҳуқуқ дорад рад намудани қонеъ гардониданро ба суд шикоят кунад». Пешниҳоди манзуршуда баҳснок мебошад. Барои чи шахс бояд пас аз қонеъ карда нашудани даъвояш аз ҷониби прокурор ба суд муроҷиат кунад. Ҳол он ки ӯ бояд ба прокурори болои муроҷиат намояд, на ба суд. Шарҳи иловагии муаллифро тақозо менамояд.

Албатта, камбудии зикршуда сифати таҳқиқоти диссертатсионии тақризшавандаро паст намекунанд ва баҳои мусбати диссертатсияро тағйир намедиҳанд.

Диссертатсия Абдуллоева Мадина Камоловна "Дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят" ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад, ва муаллифи он Абдуллоева Мадина Камоловна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ мебошад.

Мудири кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва
зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Алиев Ф.Ш.

Имзои Алиев Ф.Ш. - ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Пирзода С.С.

11 сентябри соли 2023

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, кӯчаи деҳоти ½ тел.: (+992 237_ 234-83-46. E-mail.: tguk@mail.ru http//www.tguk.ru.